*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 151 (4571) | ПАНҶШАНБЕ, 8 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Шашуми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳое, ки ба вазифаҳои судяи судҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва судҳои вилоятиву шаҳри Душанбе таъин гардиданд, мулоқот карданд.**

Зимни суҳбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз кадрҳои ҷавону ояндадор, ки дар мақомоти судӣ ба вазифаи судя таъин гардиданд, таъмини волоияти қонун, шаффофият, адолати судӣ ва баррасии одилонаи парвандаҳои судиро дар доираи қонунгузории мамлакат талаб карда, онҳоро барои ҳифзи содиқонаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои давлату миллат, риояи ҳатмии талаботи қонун ва пешгирӣ аз ҳолатҳои ба таъхир афтодани муҳлатҳои баррасии парвандаҳо даъват намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҳар корманди мақомоти судӣ бояд бо заҳмати пайгирона ва дасту дилу нияти пок соҳиби обрӯ гардад, ба давлату миллат содиқона хизмат кунад ва вазифаи пуршарафи судяро танҳо бо риояи қатъии талаботи қонун ва бо дарки баланди масъулият иҷро намуда, дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва таҳкими қонунияту адолат дар мамлакат саҳми арзанда гузоранд.

«Судяҳо на танҳо зимни фаъолияти касбӣ, балки берун аз кор ва дар зиндагӣ низ бояд намунаи ибрати дигарон бошанд», - таъкид намуданд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ нисбат ба мутахассисони ҷавон, тарбия, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, хусусан аз ҳисоби занону духтарон, тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Ба масъалаи бозомӯзии кадрҳои ҷавон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки минбаъд барои қабул ба озмуни коромӯзсудяҳо донистани ду забони хориҷӣ яке аз шартҳои муҳими озмун бояд бошад.

Дар фарҷом Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кадрҳои дар вазифаҳои судяи судҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва судҳои вилоятиву шаҳрӣ таъингардида дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ муваффақият орзу карда, хизмат ба халқу Ватан ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шаҳрвандро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо арзёбӣ намуданд.

**www.president.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин ва озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Бобизода Зафар Бобоназар аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, муовини якуми раиси Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
2. Қодирзода Зафар Абдураҳим аз вазифаи судяи Суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
3. Ҷумъахонзода Рустам Ҷумъахон аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси Суди шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
4. Баҳриддинзода Ҳилол Эсо аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
5. Саломатшозода Муъмин Давлатшо аз вазифаи судяи Суди шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
6. Савриддинзода Акмалҷон Одилҷон аз вазифаи судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
7. Расулзода Нуриддин Ғафор аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, раиси Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
8. Аҳёзода Шамсулло Салим аз вазифаи муовини раиси Суди вилояти Хатлон озод гардида, муовини якуми раиси Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
9. Наимзода Пайрав Сулаймонӣ аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
10. Табарзода Изатулло Сафар бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи муовини раиси Суди вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚАРОРИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъвати Ҷаласаи якҷояи ҳаштуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаҳои 9 ва 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Ҷаласаи якҷояи ҳаштуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 23-юми декабри соли 2022, соати 08:00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2022, № 27**

## ИТТИЛОИЯ

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Ҷаласаи якҷояи ҳаштуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар назар дошта шудааст.

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



## ДАР БОРАИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ВА МОЛИКИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**Ҳафтуми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор аксари вакилон ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала пешниҳод шудааст. Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар нест?

Хоҳишмандам нисбати рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикис-



тон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода, Р. Шоҳмурод, М. Мирзозода, Т. Азимзода ва Р. Раҷабзода таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Шашуми декабри соли 2022 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод ҷаласа доир гардид.**

Дар он Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ», «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии гражданиии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «оид ба иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудии ноҳияи Лахш» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар робита ба масъалаҳои зикршуда аъзои кумита фикру мулоҳиза баён карда, хулосаҳо қабул ва ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин, дар ҷаласа рафти иҷрои «Нақшаи амали Маҷлиси миллӣ барои солҳои 2020-2025 дар партави муроҷиат ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аз 17-уми апрели соли 2020» баррасӣ гардида, аз натиҷааш қарори дахлдор қабул карда шуд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## Дар бораи таъин ва озод намудани судяҳо

**(Идома аз саҳ. 1)**

11. Наҷмидинзода Садриддин Сайфидин бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, судяи Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

12. Раҷабзода Суҳроб Раҷаб аз вазифаи судяи Суди шаҳри Турсунзода озод гардида, судяи Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

13. Ашурзода Алишер аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

14. Саидзода Дилшод Ғуломҳайдар бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

15. Аламшозода Фирдавс Муҳаммаддовуд аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъин карда шавад.

16. Назариён Абдураҳим Назар бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон озод гардида, раиси Суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон таъин карда шавад.

17. Фирдавс Муродалӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Турсунзода озод гардида, раиси Суди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

18. Алимзода Ҳанифа Акбар аз вазифаи муовини раиси Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таъин карда шавад.

19. Чиллазода Акмалҷони Қарахон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.

20. Ҳамдамзода Алиҷон Валихон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

21. Наимзода Фарҳод Абдулғафор аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

22. Шерализода Зебонисо Чорӣ аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.

23. Усмонзода Саидаҳмад Бобокалон аз вазифаи судяи Суди шаҳри Ҳисор озод гардида, судяи Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

24. Назирзода Нодир Ғайрат аз вазифаи судяи Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таъин карда шавад.

25. Сатторзода Зебонисо Саттор аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъин карда шавад.

26. Раҳмонзода Баҳром Исмоилхон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

27. Маҷидзода Фирдавс Маҷид аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, судяи Суди шаҳри Леваканти вилояти Хатлон таъин карда шавад.

28. Шерзода Ҷӯрабек Сангинмурод аз вазифаи судяи Суди вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

29. Ҳусейнзода Фирдавс Латифӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди вилояти Суғд таъин таъин карда шавад.

30. Бобоҷонзода Бахтиёр аз вазифаи судяи Суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд озод гардида, судяи Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

31. Маҳмадназарӣ Шуҳратҷон Маҳмадназар аз вазифаи судяи Суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, судяи Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

32. Файзуллозода Саидаъзам Ҳамид аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

33. Махсудӣ Фирӯзҷон аз вазифаи судяи Суди шаҳри Панҷакент озод гардида, раиси Суди ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд таъин карда шавад.

34. Ғайбуллозода Фирӯза Мирзовалӣ аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд озод гардида, муовини якуми раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин карда шавад.

35. Шамсзода Собирҷон Амирхон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин карда шавад.

36. Юнусзода Рустам Примкулӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд таъин карда шавад.

37. Абдусаломзода Абдуҳаёт аз вазифаи судяи Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд озод гардида, муовини якуми раиси Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд таъин карда шавад.

38. Раҳимзода Аъзамҷон Аюбҷонӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд таъин карда шавад.

39. Абдуллозода Муаттар аз вазифаи судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод гардида, муовини якуми раиси Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд таъин карда шавад.

40. Низомӣ Шерзод Аслиддинзода аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд таъин карда шавад.

41. Ғанизода Комилҷон Тағойбек аз вазифаи судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод гардида, муовини якуми раиси Суди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд таъин карда шавад.

42. Абдуҳамидзода Валиҷон Абдумаҷит аз вазифаи судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таъин карда шавад.

43. Ҳасанзода Ҷамолиддин Холмурод аз вазифаи судяи Суди шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд таъин карда шавад.

44. Саидзода Юсуф Мусо аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таъин карда шавад.

45. Давлатзода Саидраҳмон Аҳтам аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод гардида, муовини якуми раиси Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

46. Абдулғанизода Абдулмонеъ бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

47. Ҳамидзода Гулнисо Ашур бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

48. Ашурмамедова Маърифат Гулбековна бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

49. Назарзода Ховар Нурмуҳаммад аз вазифаи судяи Суди вилояти Суғд озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

50. Ғиёсиддинзод Самариддин Ҷамолиддин бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

51. Қурбонализода Мунира бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

52. Раҳмонзода Малоҳат Солеҳ аз вазифаи муовини якуми раиси Суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

53. Бадалзода Маҳмуд Муҳаммадалӣ аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Лахш озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

54. Исозода Хуршед Искандар аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

55. Исозода Баҳодур Чиллахон аз вазифаи муовини раиси Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, муовини якуми раиси Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

56. Эмомализода Умеда Эмомалӣ аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

57. Сулаймонзода Фариддун Аббос аз вазифаи судяи Суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

58. Шарифзода Рудоба Ҳомиддин аз вазифаи судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе озод гардида, муовини раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе таъин карда шавад.

59. Сайдализода Шарифхон бинобар ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе таъин карда шавад.

60. Мирзозода Файзулло Мирзо аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Файзобод озод гардида, судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

61. Раҷабзода Сӯҳроб Абдулсаид аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе озод гардида, раиси Суди ноҳияи Шаҳринав таъин карда шавад.

62. Исроилзода Исмоил Исроил аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди ноҳияи Лахш таъин карда шавад.

63. Юсуфбекзода Роҳила Юсуфбек судяи Суди шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Сафарзода Шосафар Акбаршоҳ судяи Суди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Шарофзода Далер Сабоҳиддин судяи Суди ҳарбии гарнизони Хоруғ,

Муносиб Ҳусейн Оҷимамад судяи Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Қаландарзода Нозанин Абдуғаффор судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Додозода Мурод Абдуманон судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Аҳмадзода Марҳабо Аҳмад судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Иброҳимзода Ниҳолби Абдураҳим судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Маҳкамзода Мухбира Маҳкам судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Аслонзода Сорбон Низомиддин судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Аҳмадзода Акрамҷон судяи суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд,

Саидзода Нуралӣ Ҳасан судяи Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд,

Юнусзода Фаррухҷон Валиҷонӣ судяи Суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд,

Раҳмонзода Мансур Саъдулло судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Маликзода Нуриддин Ғиёс судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Муродзода Ҷӯрахон Занҷир судяи Суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Фарҳодзода Нигина судяи суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Раҷабзода Сорбон Абдусалом судяи Суди шаҳри Гулистони вилояти Суғд,

Раҷабализода Беҳрӯз Раҷабалӣ судяи Суди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд,

Мирзозода Манучеҳри Ҳасан судяи Суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд,

Муҳиддинзода Бузургмеҳр Ҳамро судяи Суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд,

Раҳмониён Ҷаҳонгир Ғайраталӣ судяи Суди шаҳри Бӯстони вилояти Суғд,

Қурбонзода Хусрав Ёқубӣ судяи Суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд,

Бекзода Сайрам судяи Суди ноҳияи Бобоҷони Ғафурови вилояти Суғд,

Муҳаммадӣ Гулрух Изатуллозода судяи Суди ноҳияи Бобоҷони Ғафурови вилояти Суғд,

Муҳаммадалӣ Қувваталӣ судяи Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд,

Муҳиддинзода Тоҳирҷон Қаландар судяи Суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд,

Комилзода Мавлуда Ҳалим судяи Суди ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд,

Ҳусейнзода Фирӯзаи Юсуфхон судяи Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон,

Раҳимзода Хушвахт Шариф судяи Суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон,

Қодирӣ Фирӯз Абдуҷаббор судяи Суди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон,

Саидҷаъфарзода Меҳтоҷ Саидҷаъфар судяи Суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон,

Саидмуродзода Исломиддин Саймурод судяи Суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон,

Шукурзода Назокат Амонулло судяи Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон,

Назарзода Азиз Абдураҳим судяи Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон,

Фатҳуддинзода Фирдавси Вайсиддин судяи Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон,

Аслонзода Салим Хайриддин судяи Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон,

Қосимзода Шаҳриёр Эмомалӣ судяи Суди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон,

Саидназарзода Содиқ Саидназар судяи Суди ноҳия Ховалинги вилояти Хатлон,

Меҳриддинзода Фахриддин Меҳриддин судяи Суди ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон,

Назарзода Ҷовидон судяи Суди ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон,

Самадзода Даврон Ҷурахон судяи Суди ҳарбии гарнизони Хатлон,

Искандарзода Меҳрангез судяи Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе,

Ализода Шаҳноза Зариф судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Раҳмон Меҳроб Юсуф судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Иброимзода Гулчина Иброим судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Исмоилзода Хатичабону Абдулазиз судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Баҳриддинзода Дилноза Субҳиддин судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Рузизода Гулноз Ёқуб судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,

Умарзода Масрур Мансурҷон судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,

Гулмаҳмадзода Мавзуна Давлатшоҳ судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,

Ҳусейнзода Хусрав Ҳусейн судяи Суди шаҳри Ваҳдат,

Икромзода Ҷумахон Алихон судяи Суди шаҳри Ваҳдат,

Мирзозода Сайёра Хурсанмурод судяи Суди шаҳри Ваҳдат,

Зуҳурзода Давлатмурод Боймурод судяи Суди шаҳри Турсунзода,

Шарифзода Азиза Ибодулло судяи Суди шаҳри Турсунзода,

Акрамзода Муҳаммад Юсуф судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ,

Садриддинзода Талабшоҳ Садриддин судяи Суди ноҳияи Тоҷикобод,

Сулаймонзода Шамшод Аъзамшоҳ судяи Суди ноҳияи Файзодбод,

Мирзошозода Миҷгона судяи Суди шаҳри Ҳисор,

Аюбзода Наҷмиддин Садриддин судяи Суди ноҳияи Шаҳринав,

Эмомализода Наврӯз Эмомалӣ судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд,

Ҳотамзода Шодӣ Саидкарим судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Абдуллозода Орзу Зинатулло муовини раиси Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Ғафурзода Манучеҳр Абдурасул судяи Суди ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Раҳимзода Зафар Сафаралӣ судяи Суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон,

Саидзода Илҳом Ҳамид судяи Суди ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон,

Азизӣ Ҷалолиддин Азизхоҷа судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъин карда шаванд.

64. Идрисзода Балаҷон Алиҷон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи судяи Суди Шаҳринав,

Саидзода Муҳаббат Шералӣ бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Шаҳринав,

Назри Муҳаммадвалӣ бо хоҳиши худаш аз вазифи муовини раиси Суди вилояти Хатлон озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 6-уми декабри соли 2022, № 479**

**Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Дар ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ, ки шашуми декабри соли равон таҳти раёсати раиси он Фарҳод Раҳимӣ баргузор гардид, чор масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**

Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ва «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудии ноҳияи Лахш».

Аъзои кумита доир ба онҳо фикру андеша баён карданд. Сипас, хулосаҳои кумита қабул ва ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

Дар кори ҷаласаи кумита мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Содиқ Шоназаров низ иштирок дошт.



**Ҳамчунин, шашуми декабри соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёт ва коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода ҷаласа баргузор шуд.**

Дар он ҳафт масъала - қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ», «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҷеъ ба онҳо хулосаҳо қабул ва ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**Шашуми декабри соли равон ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология таҳти раёсати раиси он Қурбон Ҳакимзода доир гардид.**

Дар он як масъала – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» мавриди баррасӣ қарор гирифта, аъзои кумита роҷеъ ба он фикру мулоҳиза баён карданд.

Дар фарҷом хулосаҳо қабул ва ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.



**Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон низ шашуми декабри соли равон таҳти раёсати раиси он Маҳмадшо Гулзода ҷаласа доир гардид.**

Дар он масъалаҳо доир ба баррасии пешниҳодҳои ба тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ манзуршуда, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» баррасӣ гардиданд.

Аъзои кумита пас аз шарҳу тавзеҳи масъалаҳои зикршуда хулосаҳоро ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

**Т. НЕКҚАДАМОВ, Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ДАР БОРАИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ВА МОЛИКИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2020 таҳти № 373 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми майи соли 2021 таҳти №188 «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба лоиҳаи қонуни мазкур як қатор таклиф ба пешниҳод манзур шуд. Бо назардошти таклиф ва пешниҳодҳои манзургардида, бинобар зарурати омӯзиши ҷанбаҳои сиёсӣ ва иқтисодии лоиҳа ба мақсад мувофиқ дониста шуд, ки аз ҳисоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти судӣ, мутахассисони соҳа ва сохторҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода, бори дигар лоиҳаи қонуни мазкур бозбинӣ карда шавад.

Бо мақсади такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо дастури муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июни соли 2021 таҳти №2/ВМ-1096 гурӯҳи корӣ аз ҳисоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия ва корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Гурӯҳи корӣ бо назардошти хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро такмил дода, амалияи муосири татбиқи масунияти юрисдиксиониро ҳамаҷониба омӯхт.

Мақсади асосии қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷумҳурӣ мебошад, ки дар муносибатҳои маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратӣ бо давлатҳои хориҷӣ иштирок менамоянд.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла давлатро (моддаҳои 1 ва 135) мустаҳкам менамояд.

Дар баробари ин, мутобиқи қисми 3 моддаи 2 ва моддаи 1323 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хориҷӣ низ ба сифати субъекти ҳуқуқи моликият эътироф мегардад ва мувофиқан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратӣ метавонад иштирок намояд.

Мутобиқи моддаи 390 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 230 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб кардани давлати хориҷӣ барои иштирок дар парванда ба сифати ҷавобгар ё шахси сеюм, гузоштани ҳабс ба молу мулки ба давлати хориҷӣ тааллуқдошта, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад ва нисбат ба он аз ҷониби суд татбиқ кардани чораҳо оид ба таъмини даъво, ситонидан аз ин молу мулк бо тартиби иҷрои маҷбурии санади судӣ танҳо бо розигии мақомоти ваколатдори давлати дахлдор мумкин аст, агар бо қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

Тартиби махсуси даст кашидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масунияти соҳибихтиёрӣ дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» муқаррар гардидааст.

Аз таҳлили қонунгузории амалкунанда маълум мегардад, ки имкониятҳои ҳифзи субъектони муносибатҳои маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратии ҷумҳурӣ, ки дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ иштирок доранд, хеле маҳдуд мебошанд, чунки баррасии баҳсҳо ба розигии давлати хориҷӣ барои амалигардонии юрисдиксияи Тоҷикистон вобаста аст.

Бинобар ин, боби 5 моддаҳои 132-135 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки «Хусусиятҳои масъулияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳое, ки бо қонунҳои маданӣ танзимшаванда бо иштироки шахси ҳуқуқӣ, шаҳрвандон ва давлатҳои хориҷӣ мутобиқи қонун дар бораи масунияти (иммунитети) давлат ва моликияти он муайян карда мешаванд».

Ҳамин тариқ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани нақши давлати хориҷӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти ҳуқуқии хусусӣ (маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратӣ) дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва дар замони муосир мутобиқ кардани қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи масунияти давлати хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди масунияти давлати хориҷӣ бо назардошти Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва Эъломия оид ба асосҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба риояи соҳибихтиёрии давлат асос меёбад, метавонад муайян карда шавад.

Масунияти давлат дар ҳуқуқи байналмилалӣ принсипе мебошад, ки мутобиқи он давлати соҳибихтиёр ба мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатҳои дигар тобеъ нест.

Аз ин принсипи умумӣ истисно низ мавҷуд аст. Чун қоида, давлат масунияти давлатиро дар аҳдҳои маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратӣ бо шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ истифода бурда наметавонад, агар тарафҳои чунин муносибатҳо ба созиши дигар наомада бошанд.

Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади муайян кардани қоидаҳои дақиқ ва яккела оид ба масунияти юрисдиксионии давлат 2-юми декабри соли 2004 «Конвенсия дар бораи масунияти юрисдиксионии давлатҳо ва моликияти онҳо»-ро қабул кард, ки он ба консепсияи масунияти функсионалии давлати хориҷӣ асос меёбад.

Конвенсияи мазкур ҳоло қувваи қонунӣ пайдо накардааст. Бо вуҷуди ин, айни ҳол татбиқи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ бо қонунҳо ва ё амалияи судии давлатҳои ҷудогона сурат мегирад.

Дар баъзе аз давлатҳо ин масъала бо қонунҳо танзим мешавад, аз ҷумла дар Австралия, Британияи Кабир, Канада, Покистон, Сингапур, ИМА, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, як қатор кишварҳои Аврупо, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон қонунҳое қабул карда шудаанд, ки тартиби татбиқи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷиро муайян менамояд.

Амалияи судии давлатҳои дигаре, ки низоми ҳуқуқии баъзе аз онҳо ба амсолияи ҳуқуқ асос меёбад ва дигаре дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалияи судиро низ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф менамоянд, консепсияи масунияти юрисдиксионии давлат ба инобат гирифта мешавад. Масалан, дар Австрия, Белгия, Юнон, Дания, Норвегия, Финляндия, Ҷумҳурии Федералии Олмон, Фаронса ва Швейцария. Яъне, давлати хориҷӣ дар муносибатҳои маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратӣ бо субъектҳои давлати дигар бояд дар шартҳои баробар қарор дошта бошад. Ҳамин тариқ, агар асоси даъвои судӣ нисбат ба давлати хориҷӣ фаъолияти маданӣ, иқтисодӣ ё тиҷоратии он бошад, чунин давлат хориҷӣ набояд аз масунияти юрисдиксионӣ бархӯрдор шавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи масунияти юрисдиксионии давлатҳо ва моликияти онҳо, амалияи муосир таҳия гаштааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 боб ва 21 модда иборат мебошад.

Боби якуми лоиҳаи қонун ба муқаррароти умумӣ бахшида шуда, дар он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ, имтиёз ва масуниятҳое, ки қонуни мазкур ба онҳо дахл намекунад ва принсипи мутақобила оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ, мустаҳкам шудааст.

Боби дуюми лоиҳаи қонун масъалаҳои розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксия аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст кашидан аз масунияти судиро танзим менамояд.

Дар боби сеюми лоиҳаи қонун, ки моддаҳои 8-13-ро дар бар мегирад, ҳолатҳои ҷудогонаи татбиқ нагардидани масунияти судӣ муайян шудаанд.

Дар боби чоруми лоиҳаи қонун хусусиятҳои татбиқи масунияти нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд бо моддаҳои 14-15 танзим карда шудааст.

Боби панҷуми лоиҳаи қонун ба хусусиятҳои мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлатӣ бахшида шуда, дар он масъалаҳои мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, ба давлати хориҷӣ супоридани огоҳнома оид ба муҳокимаи судӣ ва ҳалномаи ғоибона танзим менамояд.

Боби шашуми лоиҳаи қонун ба муқаррароти хотимавӣ бахшида шуда, дар он масъалаҳои татбиқ намудани қонун нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқӣ то мавриди амал қарор дода шудани он пайдошуда, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонун ва тартиби мавриди амал қарор додани қонун меъёрҳои дахлдор мустаҳкам шудааст.

Ҳамин тариқ, қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи масунияти юрисдиксионии давлатҳо ва моликияти онҳо, инчунин амалияи муосири давлатҳои хориҷӣ созгор аст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад ва ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС**: - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст? Нест.

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонун мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб, модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро яклухт ба овоз мемонам.

Хоҳишмандам, мавкеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

(Идома дорад)

**Хӯҷаназари АМИНИЁН, Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# АЗ СИРРИ ДАСТОВАРДҲО ТО МОҲИЯТИ ҚАРЗГИРӢ

**«Вазорати молия вазифадор аст, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, баланд бардоштани самаранокиву шаффофияти хароҷоти он, беҳтар намудани назорат, мукаммалсозии аудити берунӣ ва идоракунии неруи инсонӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд».**

**Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21-уми декабри соли 2021**

**Низоми молияи кишвар омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб шуда, бо ибтикори Пешвои миллат барои фаъолияти муназзам ва пурмаҳсули он аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ оғоз гардида буд. Дар ин замина, асосҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар тадриҷан такмил ёфта, иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, истифодаи шаффофу самараноки маблағҳо, дар сатҳи муътадил қарор доштани қарзи хориҷӣ, назаррас набудани касри буҷети давлатӣ аз ҷумлаи дастовардҳои кормандони ин бахши муҳим мебошад.**

**Дар арафаи Рӯзи кормандони мақомоти молия, ки ҳар сол ҳафтуми декабр таҷлил мегардад, бо вазири молияи мамлакат Файзиддин Қаҳҳорзода ҳамсуҳбат шудем.**



- **Авзои сиёсию иқтисодии ҷаҳон мураккаб боқӣ монда, таъсири он ба бахши иқтисоду молияи аксар кишварҳо баръалост. Дар робита ба ин, андешаҳо оид ба вазъи соҳаҳои иқтисодиёт дар кишвар, дар маҷмӯъ, яксон набуда, баъзе ба ном «коршиносон» дар ин маврид ба пешгӯӣ, ки моҳиятан фолбинист, машғуланд. Ҳолати воқеӣ чӣ гуна аст?**

- Бо дарки масъулият бояд қайд намоям, ки ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самтҳои мавриди назар мо натиҷаҳои назаррас дорем. Далел ин аст, ки нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ дар сатҳи 103,2 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 24,3 миллиард сомонӣ ворид гардид. Нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар ВМКБ дар сатҳи 106,4 фоиз, вилояти Хатлон - 102,4, вилояти Суғд - 105,1, шаҳри Душанбе - 100,9 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 101,7 фоиз таъмин карда шуд. Маҷмӯан қисми даромади дохилии буҷетҳои маҳаллӣ дар сатҳи 104 фоизи нақша таъмин гардида, ба буҷетҳои маҳаллӣ зиёда аз 5,8 миллиард сомонӣ ворид гардид ва ин имкон дод, ки барномаҳои дар сатҳи маҳал қабулгардида сифатан маблағгузорӣ гарданд.

- **Ба қисми хароҷоти буҷети давлатӣ таваҷҷуҳи коршиносон нисбатан зиёд аст**. **Бигӯед, ки ба кадом соҳаҳо ва чӣ қадар маблағ равона шуд?**

- Дар марҳилаи зикршуда ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ 23,2 млрд. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 16,7 млрд. сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоти буҷетӣ 1,9 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 4,6 миллиард сомонӣ равона шуданд.

Дар доираи нақшаи хароҷоти буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 1,1 миллиард сомонӣ, маориф 4,4 миллиард сомонӣ, тандурустӣ 1,8 миллиард сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 2,9 миллиард сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 1,3 миллиард сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 750,9 миллион сомонӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ 4,3 миллиард сомонӣ, кишоварзӣ 679 миллион сомонӣ, сохтмон ва саноат 187,7 миллион сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия 1,6 миллиард сомонӣ равона гардид.

Ҳамзамон, барои пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ 5,1 миллиард сомонӣ ё 22,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ, дигар моддаҳои ҳимояшаванда, бахусус барои пардохти хизматрасонии коммуналӣ 279,2 миллион сомонӣ, идрорпулӣ 83,6 миллион сомонӣ, нафақа 2,3 миллиард сомонӣ, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо 386,5 миллион сомонӣ пардохт шуд. Бунёди иншооти хусусияти иҷтимоӣ ва аҳамияти стратегидошта низ вусъат ёфта, бо ин мақсад аз ҳисоби сармоягузориҳои асосии мутамаркази буҷети давлатӣ зиёда аз 4,2 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Барои тақвияти сухан аз дастовардҳои ноилгардида мисолҳои зиёд овардан мумкин аст, вале бо далелҳои мазкур иктифо мекунам.

- **Дар ҳоле ки бисёр кишварҳои ҷаҳон аз мушкилоти ин бахш нигаронӣ доранд, шумо аз комёбиҳо гуфтед**...

- Ифтихормандем, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳа хоса буда, маҳз бо дастуру ҳидоятҳои он кас вазифаҳои ба зиммаи соҳа вогузорбуда дар сатҳи зарурӣ иҷро гардиданд. Ҳамин аст сирри муваффақ будани мо.

- **Якуми декабри соли 2022 дар ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 қабул шуд. Барои хонандагон ҷолиб аст, ки он чӣ гуна шакл гирифтааст?**

- Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад дар ҳаҷми 37,1 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буҷети соли ҷорӣ 4,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар лоиҳаи буҷети давлатӣ ҳамаи захираҳои молиявии давлатӣ, аз ҷумла маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар ҳаҷми 9,3 миллиард сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 2,4 миллиард сомонӣ ва даромади ҷории буҷети давлатӣ 25,4 миллиард сомонӣ бо афзоиши маҷмӯии 12,3 фоиз ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ воридоти маблағҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 587,0 миллион сомонӣ (40,0 миллион доллари амрикоӣ ва 4,0 миллион евро) пешбинӣ гардида, ҷалби он дар доираи татбиқи «Барномаи беҳтарсозии бахши молиявӣ ва идоракунии молиявӣ»-и Бонки осиёии рушд ва барномаи нави ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар назар аст.

- **Зимни рӯнамоии буҷети солҳои қаблӣ ҳатман зикр мешуд, ки он моҳияти иҷтимоӣ дорад. Ин тамоюл дар буҷети соли 2023 нигоҳ дошта шудааст?**

- Бале. Барои маблағгузории соҳаи маориф - 7,2 миллиард сомонӣ бо афзоиши 14,4 фоиз, тандурустӣ - 3,3 миллиард сомонӣ бо афзоиши 16 фоиз, ҳифзи иҷтимоӣ - 4,9 миллиард сомонӣ бо афзоиши 13,1 фоиз ва фарҳангу варзиш 1,5 миллиард сомонӣ бо афзоиши 24,6 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин, барои рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва кишоварзӣ низ афзалият дода шуда, барои маблағгузории комплекси сӯзишворию энергетикӣ равона намудани 6,0 миллиард сомонӣ, кишоварзӣ 1,6 миллиард сомонӣ бо афзоиши 57,3 фоиз, саноат ва сохтмон 259,8 миллион сомонӣ бо афзоиши 24,4 фоиз ва нақлиёту коммуникатсия 2,9 миллиард сомонӣ бо афзоиши 8,5 фоиз пешбинӣ гардидааст.

- **Касри буҷети давлатӣ масъалае мебошад, ки муносибати дуюмдараҷа ба он ҷоиз нест...**

- Дуруст. Бо мақсади риояи мувозинатии буҷети давлатӣ касри он дар соли 2023 ба андозаи 0,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё баробар ба маблағи 1 миллиарду 30 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии ҷалбгардидаи созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар ҳаҷми 520,1 миллион сомонӣ, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ 100,0 миллион сомонӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 124,6 миллион сомонӣ, ба муомилот баровардани векселҳои давлатӣ 100 миллион сомонӣ ва дигар манбаъҳои тибқи қонунгузорӣ муқарраргардида амалӣ карда мешавад.

- **Пешниҳоди имтиёзҳои андоз ва гумрук масъалаест, ки дар баъзе маврид моҳияту муҳимияти он то андозае таҳриф мешавад. Ҳол он ки ҷавҳари ин иқдом дастгирӣ ва ҳавасманд кардани соҳибкорони ватанӣ, таъсиси ҷойҳои кор ва тадриҷан коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ ба маҳсулоти воридотӣ мебошад...**

- Дуруст гуфтед. Дар нуҳ моҳи соли 2022, мутобиқи омори расмии гумрукӣ, моли воридотии аз имтиёзҳои тарифию андозӣ дар шакли пурра ва ё қисман бархӯрдор 79 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод»-ро ташкил намудааст. Яъне, аз ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод» 21 фоизи он (753,9 млн. доллар) пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифта, арзиши гумрукии молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои тарифию андозӣ қисман татбиқ гардидаанд, 1 миллиарду 606,0 миллион доллар (44,8 фоиз) ва арзиши гумрукии молҳои пурра аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор 1 миллиарду 226,4 миллион долларро (34,2 фоиз) ташкил намудаанд. Дар маҷмӯъ, арзиши гумрукии моли воридотӣ, ки аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор гардидаанд, ба 2 миллиарду 832,4 млн. доллар баробар буда, пардохтҳои гумрукии озодкардашуда ба ҳисоби миёна 4 миллиарду 348,8 миллион сомониро ташкил дод.

- **Мушаххас гуфта метавонед, ки аз ин имтиёзҳо кадом соҳаҳо бархӯрдоранд?**

- Ҳар сол, бо назардошти талабот баҳри дастгирии соҳибкорону сармоягузорон имтиёзҳои андозӣ муқаррар карда мешаванд. Аз ҷумла, барои корхонаҳои коркарди пӯст, пашм, нахи пахта, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ. Воридоти моле, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади рафъи оқибати офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешавад, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фарматсевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, аз пардохти боҷи гумрукӣ озоданд.

Дар баробари молу маҳсулот ва таҷҳизоти зикршуда, воридоти моле, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ амалӣ мешаванд, маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон, масолеҳи сохтмонии иншооти сайёҳӣ, воридоти ашё (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ, техникаи таъиноти кишоварзӣ, маҳсулоту лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ низ аз ин имтиёзҳо бархӯрдоранд. Ин далелу рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки бархӯрдорӣ аз имтиёз падидаи маъмул буда, онро хоси гурӯҳи алоҳида арзёбӣ кардан иштибоҳ аст.

- **Масъалаи дигаре, ки зиёдтар мавриди таваҷҷуҳ буда, аксар ҳолат аз ҷониби ба ном коршиносон шарҳу тавзеҳи гуногун дода мешавад, қарзи хориҷии кишвар аст. Ин тоифа нодида мегиранд, ки ҳатто кишварҳои абарқудрати олам низ аз гирифтани қарз дар канор набуда, нишондиҳандаи ба ин масъала рабтдошта дар қиёс бо Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ хеле зиёд аст. Барои мисол, ин нишондиҳанда дар ИМА 130 фоиз, Япония - 232, Португалия - 133, Ирландия - 123, Кипр - 112, Беларус - 53, 4, Қирғизистон 53 фоиз мебошад.**

- Ман қарзи дигар кишварҳоро шарҳу тавзеҳ намедиҳам, вале қайд карданиам, ки дар ҷаҳони муосир ҷалби маблағҳои қарзӣ аз ин ё он давлат ва ё ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ раванди маъмулӣ буда, маҳз дар ин замина давлатҳо рушди иқтисодии худро тавассути татбиқи ҳар гуна тарҳу лоиҳаҳои афзалиятдошта таъмин менамоянд. Аз ҷониби дигар бояд дарк кунем, ки рушди иқтисоди кишварро танҳо бо маблағҳои буҷетӣ таъмин кардан аз имкон берун аст.

Ҳаҷми қарзи давлатии Тоҷикистон то 1-уми октябри соли 2022- юм 3,8 миллиард доллари амрикоӣ ё 37,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд, ки аз он 3,2 миллиард доллари амрикоӣ ё 85 фоиз қарзи берунаи давлатӣ ва 0,6 миллиард доллари амрикоӣ ё 15 фоиз қарзи дохилӣ мебошад.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз маблағҳои қарзии ҷалбшуда 163,7 миллион доллари амрикоӣ аз худ карда шуда, ҳамзамон барои хизматрасонии қарзи беруна 198 миллион доллари амрикоӣ пардохт карда шудааст. Аз 198 миллион доллари амрикоӣ пардохтшуда 134,6 миллион доллар қарзи асосӣ ва 63,4 миллион доллар фоизи қарз мебошад.

Муҳим он аст, ки роҳбарияти Вазорати молия тасмими ҷиддӣ дошту дорад, ки минбаъд аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ бештар грант ҷалб гардад.

- **Дар ин самт комёб шудед?**

-Бале. Дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ дар ин давра нуҳ созишномаи нави қарзию грантӣ барои амалӣ кардани ҳашт лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 323,9 миллион доллари амрикоӣ, ки аз он 297,9 миллион (92 фоиз) маблағҳои грантӣ ва 19 миллион (5,6 фоиз) қарз ва 7 миллион доллар (2,4 фоиз) саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба имзо расида, дар Маҷлиси намояндагон тасдиқ шудаанд.

- **Аз ин бармеояд, ки ҳамагӣ 19 миллион доллари ИМА қарз гирифтаем?**

- Бале. Бояд гуфт, ки ин маблағи начандон зиёд аст, дар ҳоле ки имкониятҳо барои ҷалби бештари маблағҳои қарзӣ ҷой дошт. Мавқеъгирии мо бештар барои таъмини устувории ҳолати қарзи давлатӣ ва эътимоди сармоягузорон ба кишвар, хусусан дарёфти механизми маблағгузории иншоотҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла НБО «Роғун», ки муҳимияти онро ҳар як шаҳрванди кишвари мо медонад, нигаронида шудааст.

- **Ин муваффақият ба кадом омил рабт дорад?**

- Комёб будан дар ин самт, пеш аз ҳама, ба мақому манзалати бениҳоят баланди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ва эҳтирому эътимоди масъулини созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ ба ин абармарди дунёи сиёсат вобаста аст. Дастовардҳои мазкур интиҳои кор дар ин самт нестанд. Бо мақсади ҷалби маблағи иловагӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дастгирии буҷети давлатӣ ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ мунтазам ба роҳ монда шуда, то охири соли ҷорӣ баимзорасии созишномаҳои нави қарзию грантӣ ба маблағи зиёда аз 434 миллион доллари амрикоӣ дар назар аст.

- **Чанде пеш «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2024-2025» тасдиқ шуд. Барномаи мавриди назар чӣ моҳият ва муқаррарот дорад?**

- Барнома аз 55 созишномаи қарзӣ, аз ҷумла 50 созишномаи қарзии амалкунанда ба маблағи умумии 1,56 миллиард доллари амрикоӣ ва 5 созишномаи дар сатҳи лоиҳавӣ қарордоштаро ба маблағи 432,9 миллион доллари амрикоӣ дар бар мегирад.

Дар доираи барномаи мазкур дар баробари дигар лоиҳаҳои пешбинишуда ҷалби маблағҳои қарзӣ барои амалӣ намудани як қатор лоиҳаҳои афзалиятдошта, аз ҷумла лоиҳаи «Маблағгузории сохтмони НБО «Роғун» дар ҳаҷми 314,5 миллион евро, лоиҳаи «Барқарор намудани системаҳои обёрӣ ва сохтмони канализатсия дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон» дар ҳаҷми 9 миллион доллар, лоиҳаи «Таҷдиду барқарорсозии қитъаи роҳи автомобилгарди Обигарм – Нуробод» дар ҳаҷми 50 миллион доллар, лоиҳаи «Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаҷми 50 миллион доллар ва лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар рушди ҷомеа, марҳилаи 2» ба маблағи 15,7 миллион доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

Аз маҷмӯи лоиҳаҳои созишномаҳои қарзии ҷалбшуда ва ҷалбшаванда 12 лоиҳаи қарзӣ ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия, 13 лоиҳа ба энергетика ва саноат, 13 лоиҳа ба хоҷагии манзилию коммуналӣ, 9 лоиҳа ба кишоварзӣ ва обёрӣ, 5 лоиҳа ба соҳаи маориф, 2 лоиҳа ба соҳаи идоракунии давлатӣ ва 1 лоиҳаи қарзӣ ба соҳаи тандурустӣ рост меояд.

Муҳим он аст, ки ҳама қарзи то имрӯз ҷалбшуда имтиёзнок буда, муҳлати онҳо аз 15 то 40 солро дар бар мегирад. Дар баробари ин, меъёри фоизи онҳо аз 0,75 то 2 фоизи солонаро ташкил дода, давраҳои имтиёзнок аз рӯи баргардонидани қарзҳои асосӣ аз 5 то 20 солро ташкил менамояд.

Азхудкунии маблағҳои қарзӣ барои солҳои 2023 - 2025 маҷмӯан 693,7 миллион доллари амрикоӣ, аз ҷумла дар соли 2023 дар ҳаҷми 300,4 миллион доллар, дар соли 2024 - 252,9 миллион доллар ва барои соли 2025 дар ҳаҷми 140,4 миллион доллари амрикоӣ ба нақша гирифта шудааст.

Татбиқи босамари барномаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки маблағгузории барномаҳои иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ ва рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

- **Моҳи ноябри соли 2020 Президенти мамлакат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарореро имзо карданд, ки ба беҳбуд ёфтани сатҳи зиндагии мардум рабт дорад. Манзур Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ» аст...**

- Қабули қарори мазкур идомаи мантиқии сиёсати раиятпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки мақсад аз он беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагии мардум аст. Тибқи он, додани иҷозат барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули зикршуда аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия дар асоси талаботи қонунгузории соҳаи иҷозатдиҳӣ амалӣ мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки то қабули қарор шахсони воқеӣ ҳуқуқи машғул гардидан ба чунин тарзи фаъолиятро, ки миёни мардум чун заршӯӣ маъмул аст, надоштанд. Қабули қарори мазкур аз сафарҳои кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манотиқи гуногуни мамлакат маншаъ гирифтааст, зеро дар ҷараёни сафарҳо мардум аз Роҳбари мамлакат дар ин хусус хоҳиш карда буданд.

- **Иқдоми мазкур чӣ натиҷа дод?**

- Аз замони қабули қарори зикршуда зиёда аз 7000 нафар иҷозатномаи дахлдорро ба даст оварданд. Дар минтақаҳои гуногун 29 нуқтаи хариди тилло фаъол гардонда шуда, бемаҳдудият аз шаҳрвандон тиллои истихроҷшуда харидорӣ мегардад.

- **Тамоюли афзоишро касб намудани теъдоди онҳое, ки чунин шуғл доранд, ба кадом омилҳо марбут аст?**

- Пеш аз ҳама, сода будани дастраснамоии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва мусоидати сохторҳои зидахл, аз ҷумла зерсохторҳои Вазорати молия. Мо ҳама шароитро фароҳам кардаем, ҳуҷҷати зикршуда аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти молияи маҳаллии дахлдор ба аризадиҳанда зудтар дастрас гардад.

- **Ба шумо барои суҳбати самимӣ арзи сипос ва кулли кормандони соҳаро бо иди касбӣ табрик менамоем.**

- Саломат бошед.

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 10-уми январи соли 2023 музоядаи № 23-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

**ҶСК «ФОНОНБОНК»**

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м$^2$) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағозаи ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | ш. Душанбе, кӯчаи Мир - 83/4 | 301,9 | 1 806 584,0 |
| 2 | Маркази савдои «Дарвоз» | ш. Душанбе, кӯчаи Сомон - 432 | 183,9 | 1 800 000,0 |
| 3 | Бинои ҶСК «Доруи тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, Ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ - 21 | 1708,0 | 3 528 370,0 |
| 4 | Бинои мағоза (ду адад) | ш. Душанбе, кӯчаи Мир - 83/4 ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 236,7 | 1 540 839,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Қаротегин - 496 | 123,5 | 210 000,16 |
| 6 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода (ошёнаи 15, блоки В) | 56,9 | 440 064,60 |
| 7 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода (ошёнаи 14, блоки В.) | 56,9 | 440 064,60 |
| 8 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода (ошёнаи 11, блоки Г) | 45,5 | 351 897,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев – 144, х. 29 | 23,8 | 152 772,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Сари осиё, хонаи 34 | 183,9 | 542 280,0 |
| 11 | Экскаватор | тамғаи «Хундай Робекс» 300, ЛС-9 | --- | 835 030,0 |
| 12 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Навбаҳор - 2/2, хонаи 13 | 112,2 | 830 000,0 |
| 13 | Истироҳатгоҳ | н Варзоб, Ҷамоати Варзобқалъа, деҳаи Очук | 87,8 | 850 000,0 |
| 14 | Манзили истиқоматӣ | ш Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, хонаи беракам | 511,4 | 1 080 353,0 |
| 15 | Ҳавлии истиқоматӣ | ш. Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Гулистон, Ҷангалобод - 2 | 340,2 | 666 000,0 |
| 16 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, кӯчаи А. Ҷомӣ - 1/2 | 168,1 | 206 972,0 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 18 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 19 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи 70-солагии М. Турсунзода, деҳаи Боғистон | 179,4 | 130 907,0 |
| 20 | Манзили истиқоматӣ | ш. Турсунзода, ҷ/д К. Буриев, деҳаи Оқмачит | 130,2 | 129 605,0 |
| 21 | Ҳавлии истиқоматӣ | ш. Ҳисор, ҷ/д Дурбат, д. Манзар | 93,4 | 307 768,0 |
| 22 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Россия д. Кӯштеппа | 175,1 | 417 626,0 |
| 23 | Манзили истиқоматӣ | ш. Бохтар, кӯчаи Кайҳоннавардон - 12, х. 20 | 70,78 | 199 033,0 |
| 24 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайҳун, ҷ/д Истиқлол, д. Телман | 213,0 | 276 346,0 |
| 25 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Қубодиён, ҷ/д Тахти сангин, деҳаи Болшевик | 326,0 | 632 436,0 |
| 26 | Манзили истиқоматӣ | ш. Кӯлоб, кӯчаи Борбад, хонаи 23, ҳуҷраи 35 | 47,2 | 133 670,0 |
| 27 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | ш. Бохтар ва Левакант | 976 | 323 981,0 |
| 28 | Таҷҳизоти KHUMO INGINEERING (тамғаи «GDS-308E») | ҶДММ «Абдулазиз», н.Ховалинг | --- | 885 168,0 |
| 29 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Исфисор, к. Бӯстон | 508,8 | 766 442,0 |
| 30 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, ҷ/д Ленинобод, д. Чорбоғ | 29,70 | 175 075,0 |
| 31 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷ. Расулов, ҷ/д Сомониён, деҳаи Зарафшон | 129,6 | 146 708,0 |
| 32 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, ҷ/д Пошкент, деҳаи Яккабоғ | 92,10 | 126 095,0 |
| 33 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи А. Бобоҷон, хонаи 9 | 60,60 | 389 532,0 |
| 34 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Г. Самиев, хонаи 27а | 289,40 | 173 978,0 |
| 35 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи М. Мусоев, хонаи 11 | 863,0 | 604 115,0 |
| 36 | Манзили истиқоматӣ | ш.Истаравшан, ҷ/д Гули сурх, маҳаллаи Ясӣ | 50,60 | 543 796,0 |
| 37 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, ҷ/д Гули сурх, деҳаи Куруштак | 108,50 | 487 970,0 |
| 38 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи 13 | 46,4 | 235 924,0 |
| 39 | Манзили истиқоматӣ | ш.Истаравшан, ҷ/д Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | 232 755,0 |
| 40 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи 13 | 49,45 | 186 430,0 |
| 41 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, ҷ/д Гули сурх, маҳаллаи Ясӣ | 153,60 | 268 728,01 |
| 42 | Экскаватори тамғаи WOLVO, рақами давлатӣ 226 TA 01 TJ | шаҳри Истаравшан | --- | 450 000,0 |
| 43 | Бинои ҶСК «Доруи тоҷик» | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи И. Сомонӣ - 39а (ҶДММ «Доруи тоҷик») | 745,0 | 4 400 000,0 |
| 44 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | шаҳри Конибодом, кӯчаи К. Хуҷандӣ - 16 | 251,1 | 798 022,75 |
| 45 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 33, хонаи 31, ҳуҷраи 16 | 44,4 | 177 043,67 |
| 46 | Қисми заводи оҳану бетонии (ЖБК) ҶДММ «Хуҷаназар» | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Имроншоев - 55 | 3029,04 | 5 150 991,0 |

**ҶСП БСТТИСТ «ТОҶПРОМБОНК»**

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м$^2$) | Қитъаи замин (м$^2$) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фермаи комплексӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти Панҷрӯд | 8 672,0 | 30 000,0 | 1 150 000,0 |
| 2 | Мағоза | ноҳияи Вахш, Ҷамоати деҳоти «20-солагии Истиқлолият»-и к. Пахтакор | 135,0 | 200,0 | 127 926,0 |
| 3 | Бинои филиали бонки ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ, Ҷамоати деҳоти Иван Тоҷик, деҳаи Оббурдон | 126,06 | 267,0 | 500 000,0 |
| 4 | Меҳмонхонаи «Анис» ҶСК ба номи «Ҳасан Абдулло» | ноҳияи Масчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи С. Акрамов | 1 900,0 | 2 003,7 | 3 400 000,0 |
| 5 | Фабрикаи бофандагии 1-и нотамоми ҶСП «АСХИЁ» | шаҳри Конибодом, кӯчаи Бобокалонов - 34 | 23 543,0 | 69 606,0 | 13 471 200,0 |
| 6 | Бинои сехи ресандагию бофандагии ҶСП «Ресмон» | шаҳри Конибодом, Ҷамоати деҳоти ба номи Х. Содиқ - 45 | 7 750,0 | 38 000,0 | 10 869 006,0 |
| 7 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | 53,6 | --- | 481 757,0 |
| 8 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 9 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,8 | --- | 1 157 654,0 |
| 10 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 11 | Бинои филиали бонки ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Муъминобод, кӯчаи Раҳимов | 702,0 | 2 300,0 | 1 000 000,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати** $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 29-уми декабри соли 2022 музоядаи №25-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёт барпо менамояд

**Автомашинаи тамғаи УАЗ – 31514, рақами давлатӣ - 378 ZE 01, соли барориш – 2000, мансуб ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 10 000 сомонӣ.**

**ЗИЛ – 130, рақами давлатӣ 89-80, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 1975. Мансуб ба КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Исфара». Нархи ибтидоӣ - 15 000 сомонӣ.**

**Хафей, рақами давлатӣ - 253 ZK, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2007. Мансуб ба «Сарраёсати хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Суғд». Нархи ибтидоӣ - 14 000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21,** тел: 221-73-74, тел: 8 3422-4-21-83.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати** $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 29-уми декабри соли 2022 музоядаи № 41-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯй | Рақами бақайдгирии давлатӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳавопаймои тамғаи АН – 12 Б | 534305 | «British gulf international company LTD» | 279 329 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати** $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 10-уми январи соли 2023 музоядаи № 24-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м$^2$) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Заводи асфалтбарорӣ бе таҷҳизот | шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 2,72 | 634,7 | 2 763 545 |
| 2 | Нуқтаи таъмири автомашинаҳо | шаҳри Ҳисор, деҳоти Хонақоҳ, деҳаи Авғонобод | 0,46 | 1207,0 | 512 009 |
| 3 | Бино ва иншооти қитъаи таъмири роҳи №2-и МДНРА | шаҳри Ҳисор, деҳоти Ориён, деҳаи Мурутак | 1,10 | 638,2 | 387 381 |
| 4 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 82 | 0,07 | 280,3 | 378 967 |
| 5 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 84 | 0,06 | 190,9 | 205 062 |
| 6 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 88 | 0,06 | 301,9 | 1 047 894 |
| 7 | Мағоза ва дорухонаи хусусӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ, хонаи 26 | 0 | 206,2 | 437 041 |
| 8 | Филиали «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ваҳдат | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона - 31 | 0,51 | 1687,8 | 7 765 387 |
| 9 | Анбор ва нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,42 | 419,9 | 840 535 |
| 10 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Салимзода, хонаи 67 | 0,07 | 644,6 | 1 017 127 |
| 11 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом | 0,07 | 305,6 | 366 692 |
| 12 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | 0,03 | 227,1 | 314 958 |
| 13 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблаӣ, деҳаи Чавалай | 0,10 | 352,9 | 302 597 |
| 14 | Терминали воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофирбар | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Ватан | 0,30 | 666,2 | 587 608 |
| 15 | Нуқтаи таъмири нақлиёт | ноҳияи Шаҳринав, деҳоти Сабо, деҳаи Қади ҷӯйбор | 0,80 | 1931,8 | 1 288 486 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули англисӣ сурат мегирад

Музояда **соати** $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412847 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири ҷории системаи гармидиҳии биноҳои таълимии донишгоҳ дар шаҳраки «Шифобахш» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.12.2022 09:00:00 |
| 2 | 412863 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №67»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.12.2022 13:50:00 |
| 3 | 412858 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозии боми хобгоҳ ва насби дарҳо дар мактаб-интернати №11 дар Ҷамоати Шаймоқи ноҳияи Мурғоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.12.2022 11:45:00 |
| 4 | 412848 | Раёсати маорифи ноҳияи Варзоб | Сохтмони таҳкурсии бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Қулписта (Чашмаи сада), Ҷамоати деҳоти ба номи С. Айнии ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.12.2022 09:00:00 |
| 5 | 412849 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Заҳрдору | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.12.2022 10:30:00 |
| 6 | 412851 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилоятӣ»-и вилояти Суғд | Маводи мадҳушкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 27.12.2022 10:35:00 |
| 7 | 412853 | Шуъбаи Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон | Либоси варзишӣ, ноутбук ва ҷевон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 27.12.2022 10:45:00 |
| 8 | 412852 | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, маводи масрафӣ ва қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 66 | 27.12.2022 10:50:24 |
| 9 | 412861 | Муассисаи давлатии «Телевизиони мусиқии Тоҷикистон - Шаҳнавоз» | Автомашинаи сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.12.2022 11:55:00 |
| 10 | 412862 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | Таъмири асосии лифти мусофирбар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.12.2022 12:00:00 |
| 11 | 412864 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасониҳои нақлиётӣ барои 175 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд – Душанбе - Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.12.2022 14:45:45 |
| 12 | 412865 | Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд | Таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 27.12.2022 15:00:00 |
| 13 | 412866 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири ҳуҷраҳои бинои меҳмонхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.12.2022 15:00:00 |
| 14 | 412867 | Маркази клиникавӣ - эндокринологии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд | Маводи канселярӣ ва маҳсулоти чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 27.12.2022 15:00:00 |
| 15 | 412850 | Филиали Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон» дар ноҳияи Рӯшон | Либос ва пойафзол, молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 28.12.2022 15:00:00 |
| 16 | 412857 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшон | Молҳои хоҷагидорӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 28.12.2022 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидории тахти варақаи қайди №5739-и гумшуда, ки онро Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии ноҳияи Рӯдакӣ моҳи авусти соли 2006 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти ба номи К. Сардаров, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 101 ба Раҳмонов Ҳабибулло додааст, этибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукӯҳӣ (собиқ Қурғон), ҳавлии №36 ба Сафаров Умедҷон Назаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ соли 2021 ба Файзиллоев Суҳроб Гулмаҳмадович (РМА 015540585) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0356320-и гумшуда ва Иқтибос аз феҳристи бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Файзиллоев Гулмаҳмад Раҳматуллоевич (РЯМ 0130159746) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи хатми таҳсилоти асосии силсилаи Т-АТА № 0583769-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и шаҳри Душанбе соли 2016 ба Шукронаи Хуршед додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 180122-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №94-и шаҳри Душанбе соли 1989 ба Ҳайдарова Махсуда Камилҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда дар бораи хатми синфи нуҳум, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тибқи фармони №7 аз 10-уми июни соли 1994 ба Давлятова Майрамгул Якубовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии тахти рақами инвентарии 1117-и гумшуда, ки онро Корхонаи бақайдгирии техникии ноҳияи Восеъ 15-уми июли соли 1996 бо суроғаи шаҳраки Восеъ, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров (собиқ Жилмассив), бинои 9, ҳуҷраи 3 ба Зарипов Одина додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории тахти қайди 10312-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Боткин (ҳоло Туғрал), ҳавлии 16/1 ба Абдуллаев Фазлитдин Бадриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии силсилаи ТҶ №414-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-уми декабри соли 2007 ба ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорони мактаби таҳсилоти умумии асосии №57-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати №0493743-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон дар асоси қарори раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тахти рақами 416 аз12-уми августи соли 2014 барои истифодаи замин ба ҶДММ «Ҷамол» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №63364-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 12-уми майи соли 2022 барои қитъаи замини наздиҳавлигии мӯҳлати истифодабарии якумраи меросӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, ҳавлии №84/3 ба Пираков Абдуҷаббор Холович додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №474719-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 27-уми августи соли 2021 ба Қутбидинов Аҳмадҷон Мансурович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Қаротегин, хонаи 10, ҳуҷраи 1 ба Ҷароилов Хайрулло Абдуллоевич додааст, эътибор надорад

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи ГТС № 254919-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2001 ба Орипова Зебиниссо Хайбуллоевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ватан-Г», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РМА 080000400, РЯМ 0810002069 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Рашт ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неъкқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 8 декабри соли 2022, соати 11:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха*

Навбатдорони шумора
Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров